Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___»____________ с.2010
№ ________ тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯИ
## миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои2010-2015

### Муқаддима

Тоҷикистон мамлакатест, ки мунтазам дучори офатҳои табиӣ мегардад. Офатҳои хусусияти табиидоштае, ки солҳои 1997 - 2009 рух доданд, сабабгори талафи 933 нафар одамон ва 1,15 миллиард сомонӣ зарари моддӣ гардиданд, ки ин ба ҳаёт ва некӯаҳволии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, рушди давлатро ба андозае суст гардонд.

Барои коҳиши таъсири офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки вазифаҳои марбут ба паст кардани таҳдиди хатари офатҳо ба барномаи умумии чорабиниҳои рушди ҷамъият ва давлат ворид карда шаванд. Ин амал имкон медиҳад, ки таъсири таҳдидҳо кам карда шуда, ҳамчунин сустии иҷтимоӣ ва фардии муқовимат ба ҳодисаҳои берунӣ коҳиш дода шавад.

Таҳдидҳои ҷиддии иқлимӣ ва геологӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ таъсири ҳамешагӣ мерасонанд. Аз ин рӯ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боэътимоди муттаҳиду мустаҳкам барои пешгирӣ, кам намудани оқибати офатҳо, огоҳкунӣ ва ҳушдории самаранок ба офатҳои эҳтимолии табиӣ зарур мебошад. Донишу маҳорат дар ин соҳа ба ҳар сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он лозим аст, ки ӯ барои идоракунии босифати таҳдиди хатар ҳамчун фард дар сатҳи соҳибхона, инчунин дар сатҳи минтақавию ҷумҳуриявӣ саҳми худро гузошта тавонад.

Оид ба ақидае, ки офатҳо ҳолатҳои назоратнопазир ва муваққатӣ буда, онҳоро тавассути ёрии кӯтоҳмуддат идора кардан ё таъсири манфии онҳоро танҳо тавассути чорабиниҳои комплексии техникӣ кам кардан мумкин мебошад, эътироф кардан лозим аст, ки паст намудани таъсири фалокатҳо ба рушди устувори давлат ва ҷамъият зич алоқамандӣ дорад. Таҳдиди хатарҳои хусусияти табиидошта ва таҳияи технологияҳои нав дар марҳилаи ҳозира аксаран чун равандҳои идорашаванда шуморида мешаванд, ки ин ҳангоми васеъ паҳн намудани огоҳӣ аз таҳдид, такмили арзёбӣ ба таҳдид ва банақшагирӣ, инчунин ҳангоми таъмини омодагии самаранок ба офатҳо ва андешидани чораҳо доир ба кам кардани таҳдиди хатари офатҳо имконпазир мегардад. Дар маҷмӯъ ин амалҳо бо истилоҳи «идоракунии таҳдиди хатари офатҳо» маънидод мегарданд, ки мақсади умумии онҳо аз пешгирӣ, кам кардан ва сабук намудани оқибати фалокатҳо барои давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида иборат мебошад.

Масъалаи таҳдиди хатарҳое, ки одамон ба онҳо дар ҳаёти рӯзмарра рӯ ба рӯ мешаванд, ҳалли комплексӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Масъалаи мазкур дар маркази таваҷҷӯҳи Конфронси Умумиҷаҳонии СММ оид ба Коҳиши Хатари Офатҳо, ки дар аввали соли 2005 дар шаҳри Кобеи Япония баргузор гардида буд, қарор дошт. Дар ин Конфронс Барномаи қолабии амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 қабул гардид, ки мақсади асосии он «ташкили иқтидори истодагарӣ ба офатҳо дар сатҳи давлатӣ ва ҷомеавӣ» буда, роҳҳои афзалиятноки амалиёт ва паст кардани таҳдиди хатари офатҳоро дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ гардонидани муқаррароти афзалиятноки паст кардани таҳдиди хатари офатҳо, ки Барномаи қолабии амалиёти Хиого тавсия намудааст, тамоми қувваро равона намуда, дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони байналмилалӣ корҳоро ҷиҳати сабук гардонидани оқибати офатҳо дар мамлакат амалӣ месозад.

1. Офатҳо ва таҳдидҳои ба шароити Тоҷикистон хос

Тоҷикистон дучори таҳдидҳои зерин мебошад:

а) Гидрологӣ ва метеорологӣ:
- обхезӣ;
- сел;
- хушксолӣ;
- хунукӣ ва сармо;
- бориши барф;
- бориши борон;
- жола;
- шамол;
- тарма;
- биёбоншавӣ;
- баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ.

б) Геологӣ:
- сел;
- ярч;
- обхезӣ
- заминларза;
- сангрезӣ.

в) Биологӣ:
-эпидемия;
-эпизоотия;
- эпифитотия.

г) Технологӣ:
- партовҳои саноатӣ;
- партовҳои биологии хатарнок;
- партовҳои ғайринақшавии моддаҳои химиявӣ (ба ҳаво, об, замин)

- садамаҳо дар иншооти гидротехникӣ (ба сарбандҳо, саддҳои обӣ, низомҳои обёрӣ ва ғ. тааллуқ доранд);

- садамаҳои нақлиётӣ, аз ҷумла вобаста ба нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва обӣ;

- садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли бори хатарнок;

- фалокатҳои марбут ба газ, сӯзишворӣ ва тафсонидани хатҳои қубур;

- фалокатҳои марбут ба низомҳои таъмини ҳаёт.

Баъзе аз таҳдидҳои зикршуда ба маҳали муайян (масалан, обхезӣ) мансуб мебошанд. Таҳдидҳои дигар ба тамоми кишвар хатар доранд (масалан, хушксолӣ). Ҳамаи таҳдидҳо ё аз муҳити атроф сар мезананд ё бо он алоқаи бевосита доранд ва аксари онҳо бо иқлим алоқаманд мебошанд.

Таҳдиди хатари офатҳо ба мафҳумҳои зерин асос меёбанд:

- суръатнокӣ, андоза ва таъсири таҳдидҳо; ва

- осебпазирии иҷтимоӣ ва сохтории аҳолӣ, ки таҳдиди мазкурро ба худ қабул мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии дараҷаи осебпазирӣ мушкилии асосӣ ба ҳисоб меравад. Ин гуна арзёбӣ одатан ба муқоисаи доираи васеи маълумоти иҷтимоию иқтисодӣ ва маълумот оид ба таъсири хатар, ки ҷамъ овардани онҳо тӯли чандин даҳсолаҳо гузаронида мешавад, асос меёбад.

Ҳоло кӯшишҳои беҳтар намудани натиҷаҳои арзёбии дараҷаи осебпазирӣ, ба иттилооте, ки ҷамоатҳо пешниҳод менамоянд, инчунин маълумоту таҳлилҳои дигар асос меёбанд. Айни замон маҳакҳои асосии осебпазирӣ чунин мебошанд:

- шумораи талафи одамон дар як ҳолати фавқулодда;

- сатҳи зарари иқтисодӣ дар як ҳолати фавқулодда.

Дар асоси таҳлили маълумоти КҲФ МГ барои солҳои 1997-2007 таҳдиди хатари офатҳоро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст:

а) Офатҳое, ки ба шумораи бисёртарини талафоти одамон сабабгор мешаванд:

- эпидемия (12 фавт дар 48 ҳодисаи рӯйдоди эпидемияҳо дар давоми 10 сол);

- ярчҳо (46 фавт дар давоми 10 сол ва ё дар 124 ҳодиса);

- тармаҳо ва селҳо (24 фавт дар давоми 10 сол ва ё аз 57 ҳодиса).

б) Офатҳое, ки сабабгори хисороти бештарин мегарданд:

- хушксолӣ – офатест, ки сабабгори хисороти бештарини моддӣ гардида, андозаи зарари он дар давоми 10 сол ва ё аз 57 ҳодисаи хушксолӣ ба 1,7 млн. доллари амрикоӣ баҳо дода шудааст*;

- бориши барфи зиёд (зарар дар натиҷаи як ҳодиса 1,4 млн доллари амрикоӣ аз 17 ҳодиса дар давоми даҳ сол);

---

**Маълумот оид ба зарари дар ин боб нишон додашуда бо назардошти беқурбшавии пул (инфлятсия) тасҳеҳ карда нашудааст.*

- заминларза (зарар дар натиҷаи 208 ҳодиса дар давоми 10 сол - 218 420 доллари амрикоӣ );
- обхезӣ (дар натиҷаи 114 ҳодиса дар давоми 10 сол - 113, 770 доллари амрикоӣ).

Зарари бештарини расонидашуда:

- тармаҳо ва селҳо (дар давраи даҳсолаи 1997-2007 - 124,3 млн. доллари амрикоӣ);
- хушксолӣ (дар давоми 10 сол - 97, 1 млн. доллари амрикоӣ);
- заминларза (дар давоми 10 сол - 49,8 млн. доллари амрикоӣ).

в) Офатҳое, ки бештар ба вуқӯъ меоянд (дар 10 сол):

- тармаҳо ва селҳо (1253 ҳодиса)
- заминларза (208 ҳодиса) ва обхезӣ (114 ҳодиса).

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду ҳодисаи муҳиме, ки таъсири баланд дошта, камтар ба вуқӯъ меоянд, яъне рахнашавии саддҳои обанборҳо ва заминларзаҳо дучор меояд, ки ҳангоми арзёбии зикршудаи хатари офатҳо ба назар гирифта нашудаанд.

Мувофиқи ҳисобҳои ҷорӣ, рахнашавии садди Усой (ки дар натиҷаи он кӯли Сарез ба вуҷуд омадааст) ба ҳазорҳо одамоне, ки дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, таъсир мерасонад. Корҳо дар мавриди муайян намудани сатҳи омории рахнашавии садди Усой, ки барои ҳисоби омилҳои таҳдиди хатари ҳарсола имкон медиҳад, инчунин чорабиниҳо оид ба паст намудани оқибатҳои рахнашавии он идома доранд. Маълумот доир ба рахнашавии эҳтимолии садд ё бинобар сабаби таъсири обхезии бузург, дастнорас мебошанд.

Фалокатҳое, ки аҳолии Тоҷикистон бештар ба онҳо дучор мегардад, инҳо мебошанд:

-заминларза- хатари барои Тоҷикистон аз ҳама ҷиддӣ барои давраи дарозмуддат:

- эпидемияҳо, тармаҳо, селу обхезиҳо ва заминларзаҳо дарояндаи наздик, яъне ҳамасола хавфи воқеиро ифода менамоянд;

- хушксолӣ офатест, ки зуд-зуд такрор нашавад ҳам, зарари калони моддӣ ба бор меорад.

Сарфи назар аз он, ки арзёбии ҷамъбастшудаи хатарҳо, офатҳои муҳимтаринро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо дучор мегардад дар бар мегирад, бояд минбаъд ҳам ҷамъоварии маълумот ва таҳқиқот ҷиҳати арзёбии аниқтари хатарҳо дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ идома дода шавад.

Қариб ҳамаи хатарҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик таҳдидкунанда, бо иқлим ва шароити обу ҳаво алоқаманд мебошанд. Боришот боиси тармаҳо, селҳо, обхезиҳо, бӯронҳои шадиди зимистонӣ ва аксаран омили асосии ба вуқӯъ пайвастани ярчҳо мегардад.

Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ки дар робита бо пешгӯиҳо доир

ба тағйири иқлим таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2003 № 259 тасдиқ шудааст, муайян менамояд, ки чӣ гуна ҳамин хатарҳо ва хатарҳои дигар метавонанд дар тӯли 40 соли оянда (то соли 2050) суръати таъсирашонро афзун гардонанд. Сарфи назар аз он, ки тағйироти пешбинигардида танҳо тахминӣ мебошанд, дар нақшаи мазкур нишон дода шудааст, ки дар натиҷаи тағйирот дар сиклонҳои фарогир (глобалӣ) ва минтақавӣ, миқёси офатҳо васеъ шуда, оқибатҳои онҳо бештар харобиовар мегарданд.

Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим барои арзёбии таъсири таҳдиди хатар давраҳо ва усулҳои гуногунро истифода мебарад. Ҳам тағйирот ва ҳам натиҷаҳо дар қиёс бо арзёбии хатари дар боло зикргардида, аслан қобили муқоиса намебошанд. Вале хулосае, ки дар Нақша дарҷ гардида, ба мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим вобаста аст, яке аз нуктаҳои муҳиммест, ки бояд ба чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо ворид гардад. Дар амал Стратегия имкони мутобиқшавӣ ба иқлим зарфи 40 солиояндаро фароҳам меорад, хусусан дар ҳоле, ки шиддат ва таъсири офатҳои вобаста аз иқлим метавонанд аз офатҳое, ки дар гузаштаи наздик ба вуқӯъ пайваста буданд, фарқ кунанд.

Барои амалӣ намудани чорабиниҳои марбут ба арзёбии хатари офатҳо ва идоракунии онҳо, омодагӣ ва вокуниш ба онҳо, ки дар Стратегияи мазкур пешбинӣ шуда, имрӯз ва оянда ба таъмини амнияти Тоҷикистон нигаронида шудаанд, ҷалби маблағҳои буҷетии давлат ва дастгирии шарикони ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои байналхалқиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа, новобаста аз он ки ин кӯшиши зиёди тарафҳои манфиатдорро бо истифода аз нуқтаи назари ягона ва ҳамоҳангшуда талаб менамояд, чорабиниҳои дар Стратегияи мазкур пешбинигардидаро амалӣ мегардонад.

## 2. Самтҳои асосии Стратегия

Таҳия ва тасдиқи Стратегияи мазкур қадами нахустин аз иқдомоти сершуморе, ки ҷиҳати кам кардани зарари эҳтимолӣ аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ, инчунин иҷрои ҳадафҳои дар Барномаи қолабии амалиёти Хиого муқарраршуда, мебошад. Ҳадафҳои пешбининамудаи Стратегияи мазкур марҳила ба марҳила амалҳоро ҷиҳати паст кардани таъсири офатҳо ба манфиати ҳар як сокини Тоҷикистон тавассути чорабиниҳои зерин муайян менамоянд:

- ворид намудани масъалаи коҳиши таҳдиди хатари фалокатҳо ба ҳамаи чорабиниҳои марбут ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баланд бардоштани самаранокии омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо.

Стратегияи мазкур амалӣ намудани доираи васеи чорабиниҳоро дар як қатор бахшҳо талаб менамояд. Татбиқи бомуваффақкияти

Стратегияи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки новобаста аз ҳодисаҳои табиию антропогение, ки Тоҷикистон ба онҳо доимо дучор мешавад, босуръат рушд ёфта, сатҳи некӯаҳволиро дар мамлакат беҳтар намояд.

Стратегияи мазкур барои эҷоди Платформаи миллии коҳиши хатари офатҳо, ки сохтори он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти дигари марбутаи ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешгирӣ ва вокуниш ба офатҳо муайян карда мешавад, замина таъмин менамояд.

Стратегия чорабиниҳоро оид ба идоракунии хатари офатҳо, ки инчунин дар баъзе аз барномаҳо ва нақшаҳои қаблии амалиёти аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ ва тасдиқгардида пешбинӣ шудаанд, дар бар гирифта, пурра ва такмил менамояд, аз он ҷумла:

- Барномаи рушди соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2014, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 № 527 тасдиқ шудааст;
- Нақшаи миллии фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 № 191 тасдиқ шудааст;
- Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2003 № 259 тасдиқ шудааст.

Стратегияи мазкур аз панҷ ҷузъи зерин иборат аст, ки мақсад, вазифа ва амалҳои мушаххаси иҷрои онҳоро дар бар мегиранд:

Ҷузъи 1: Ваколатҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳоеро, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои идоракунии хатари офатҳо ба миён меоянд, ба танзим медарорад. Қонунгузорӣ муқаррароти ташкилию ҳуқуқиро оид ба ҳифзи аҳолӣ, амвол, замин, об, муҳити зист, саноат ва соҳаҳои иҷтимоӣ, набототу ҳайвонот, инчунин дигар захираҳои табииро аз офатҳо муайян менамояд.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳо оид ба идоракунии хатари офатҳо таҳти роҳбарии Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда (КДҲФ), ки онро Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарварӣ менамояд, амалӣ мегарданд. КДҲФ, ки аз намояндагони вазорату идораҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, мақоми асосии дар амал татбиқкунандаи чорабиниҳо оид ба вокуниш ба офатҳо мебошад. Комиссияҳои ёрирасон бо вазифаҳо ва ҳайати ба ҳам монанд дар сатҳи минтақавӣ ва ноҳиявӣ амал мекунанд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки масъули пешгирии офатҳо ва вокуниш ба онҳо мебошад.

Ситодҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании пешгирӣ ва бартарафкунии оқибатҳои офатҳоро дар сатҳи минтақавӣ ва ноҳиявӣ идора мекунанд. Ситодҳои мазкур:

- роҳбарии амалиёти фавқулоддаро дар ноҳияҳои аз офатҳо зарардида анҷом медиҳанд;

- ёрии фаврии молиявӣ ва моддиро дархост менамоянд;

- дар сурати ба амал омадани офат тамоми кӯмакҳои беруниро ҳамоҳанг месозанд.

Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи вокуниши босамар ба ҳолатҳои фавқулодда нишон дод, ки тақсимоти аниқи ваколатҳо дар байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақоми махсуси давлатии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда, инчунин вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растаниҳо», «Дар бораи истеъмол ва муомилаи бехавф бо пестисидҳо ва агрохимикатҳо», «Дар бораи бехатарии саноатии иншоотҳои истеҳсолии хатарнок», «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар намекунанд. Барои ташкили низоми самараноки пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда бояд ваколатҳои тамоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ муайян карда шаванд.

На ҳамаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳолатҳои сар задани офатҳоро пешбинӣ менамоянд, салоҳияти КҲФ МГ-ро дар сурати вокуниш ба онҳо муайян менамоянд. Аз ин рӯ зарур аст, ки нақши КҲФ МГ дар ин самт бо роҳи аз нав дида баромадани баъзе муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ муайян карда шавад.

Дар айни замон нақшаҳои гуногуни вокуниш ба офатҳо мавҷуданд, аммо дар онҳо ҳаллу фасли меъёрии пешгирии офатҳо ва рафъи оқибатҳои онҳо, ки истифодаи қолабҳои гуногунро пешбинӣ намуда, дастрасии иттилооти муфассалро дар ҳамаи сатҳҳо таъмин кунад, вуҷуд надорад. Масалан, нақшаи идоракунии пандемияи зуком (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009 тасдиқ шудааст) беш аз 140 саҳифа иборат буда, дорои маълумоти муфассал мебошад, ҳол он ки нақшаи пешгирии рахнашавии садди Қайроққум аз 1 саҳифа ва нақшаи пешгирии фалокатҳои роҳи оҳан танҳо аз як диаграмма иборатанд. Дар баробари он, ки ҳар як нақша дорои ҷиҳати мусбат мебошад, вокуниши босамар талаб менамояд, ки ҳамаи онҳо барои расидан ба мақсадҳои ягона равона шуда, шакли муқаррарӣ дошта бошанд.

Беш аз ин, нақшаҳои мавҷудаи чорабиниҳо оид ба идоракунии хатари офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паст намудан ё рафъи оқибати офатҳо амалҳои мушаххасро пешниҳод намекунанд. Ин ҷанбаҳои идоракунии хатари офатҳо бояд ба нақшаҳои вокуниш ба

офатҳо ворид карда шуда, самаранокии амалиёти наҷотдиҳии ҳаёти одамон ва кам намудани зарарро таъмин намоянд.

Сохторҳои давлатии идоракунии хатари офатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуда ба мушкилоти зерин дучор мегарданд:

- набудани асоси дақиқи ҳуқуқӣ барои идоракунии умумии хатари офатҳо, ки бо сабаби такрорёбӣ ва мухолифати муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамдигар душвор гардидааст;
- набудани стратегияи миллии идоракунии хатари офатҳо ва платформаи миллии коҳиши он, ки ҳамаи бахшҳои давлатӣ ва хусусиро муттаҳид месозад;
- набудани нақшаи умумии миллии омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо, инчунин нақшаҳои дахлдор барои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- набудани нақши дақиқи ҷомеаҳо дар чаҳорчӯбаи муқаррар намудани кӯшишҳо барои коҳиши хатари офатҳо ва вокуниш ба онҳо.

## Ҷузъи 2: Арзёбии хатари офатҳо

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани мавзеъ ва минтақаҳои таъсири хатари рӯй додани офатҳо тадқиқоти зиёд гузаронида шудааст. Равандҳои геофизикӣ, метеорологӣ ва физикӣ, вобаста ба ҳодисаҳои хатарноки табиӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Огоҳӣ дар хусуси офатҳо ва оқибати онҳо низ бо сабабҳои зерин ҷиҳати коҳиши хатари офатҳо кофӣ намебошад:

- шаклҳои истифодабарии замин тағйир ёфтаанд (масалан, дар даҳсолаи охир ҳаҷми сохтмони манзил зиёд шудааст);
- ҳолати иншоотҳои муҳофизаткунанда ғайриқаноатбахш шудааст (иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ);
- маълумоти баъзе таҳқиқот дар бораи маҳалҳои хавфнок, ки беш аз се даҳсола қабл гузаронида шудаанд, кӯҳна шудаанд;
- таҷрибаи аҳолии маҳаллӣ дар масъалаҳои офатҳо ва коҳиши онҳо бо сабаби ба хориҷи кишвар рафтани мутахассисон коста шудааст;
- иқлим тағйир ёфтааст.

Ин масъалаҳо дар маҳалҳои алоҳида ҳалли худро ёфта истодаанд (масалан, тавассути амалӣ гардонидани лоиҳаҳои ҷомеавии коҳиши хатари офатҳо), аммо бо сабаби мавҷуд набудани сиёсати миллӣ ва барномаи арзёбии хатари офатҳо, ин кӯшишҳо тамоми ноҳияҳои аҳолинишини мамлакатро аз рӯи хатарҳои воқеии таҳдидкунанда дар бар гирифта наметавонанд ва гумон аст гирифта тавонанд.

Дарки осебпазирӣ дар сатҳи хонаводагӣ барои коҳиши хатари офатҳо нақши ҳалкунанда дорад. Ҳар як фард бояд имконият дошта бошад, ки ҷиҳати коҳиши хатари инфиродии офатҳо чораҳои зарурӣ андешад. Воҳиди хурдтарини муайянкунандаи зарар аз офатҳо ва аз ин лиҳоз, нуқтаи ибтидоӣ барои осебпазирии ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ хонавода мебошад.

Мушкилоти марбут ба дақиқии арзёбии дараҷаи осебпазирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳои зерин вобаста мебошанд:

- тағйирот дар низоми иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нодурустии маълумот оид ба шумораи хонаводаҳо;
- набудани фаҳмиши дақиқ оид ба алоқаи байни нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии гуногун, зарари бар асари офатҳо расида ва имконоти барқарор шудани зарардидагон.

Чорабиниҳои барои коҳиши хатари офатҳои дар сатҳи ҷомеаҳо андешидашуда, аз ҷумла муайян кардани меъёрҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазирӣ ва устуворӣ дар сатҳи субминтақавӣ ва миллӣ, инчунин дар сатҳи хонаводагӣ, дарки осебпазириро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намуданд. Вале, маълумоти бо ёрии ҷомеаҳо ба дастомада бояд аниқ карда шуда, тарзе маънидод карда шаванд, ки барои эҷоди фаҳмиши ягонаи осебпазирӣ дар хонавода ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Ҳамин тавр, зарурати таҳияи расмиёти маъмули арзёбии осебпазирӣ ва истифодаи ин маълумот ҷиҳати амалӣ намудани чораҳои мушаххас оид ба коҳиши осебпазирӣ, инчунин хатари инфиродӣ ва хонаводагӣ аз офатҳо вуҷуд дорад.

Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо Маркази иттилоотию таҳлилии КҲФ МГ як қатор ташкилотҳои ғайридавлатиро ҷиҳати таҳияи расмиёти арзёбии хатарҳо дастгирӣ намуд. Ин ташаббусҳо таҳияи якчанд расмиёти арзёбии хатарҳоро дар сатҳи ҷомеавӣ, инчунин арзёбии хатарро нисбат ба таҳдидҳои мушаххас ва низомҳои огоҳкунии пешакӣ дар бар гирифтаанд (масалан, дар водии Рашт). Маҳакҳои ҳангоми таҳияи расмиёти арзёбии хатарҳо бадастомадаро бо меъёри ягонаи арзёбии хатар якҷоя кардан зарур аст, ки ба ин васила ҷиҳати коҳиши босамари хатар бо дарназардошти захираҳои мавҷуда, муқоисаи натиҷаҳои арзёбӣ дар тамоми ҷумҳурӣ имконпазир мегардад.

Дарки таъсири хатар ва осебпазирӣ ҷиҳати ташкили арзёбии муқоисавии таҳдиди хатар дар тамоми қаламрави Тоҷикистон замина мегардад. Арзёбии хатарҳо, ки тамоми ноҳияҳои аҳолинишини мамлакатро дар бар мегирад, барои натиҷаҳои зерин чун замина хизмат мекунад:

- беҳтар намудани банақшагирии чорабиниҳо ҷиҳати вокуниш ба офатҳо;
- тақсими самараноки воситаҳои молиявии маҳдуд ҷиҳати коҳиши офатҳо бо фоидаи бештар;
- ташкили омодагӣ ба офатҳо барои ҷомеаҳое, ки бештар дучори хатар мегарданд.

Фаъолияти Маркази иттилоотию таҳлилии КҲФ МГ-ро дар самти арзёбии хатари офатҳо бояд бо мақсади таҳияҳои зерин тавсеа намуд:

- расмиёти меъёрии арзёбии хатарҳо;

- махзани умумии маълумот, ки иттилооти хатарҳо ва оқибати онҳо, нишондиҳандаҳои осебпазирӣ ва умумии арзёбии дараҷаи хатарро дар бар мегирад;

- маълумот оид ба осебпазирӣ ва таҳдиди хатари андозаи муайян дар шакли харитаҳо ва низоми ҷуғрофии иттилоотӣ (НҶИ);

- сохторҳои бисёрсоҳавӣ ҷиҳати назорат ва идоракунии унсурҳои гуногуни раванди арзёбии хатарҳо;

Маркази иттилоотию таҳлилии КҲФ МГ бояд иттилоот ва ахборотро ба асос гирифта, бо мақомоти давлатии зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон зич ҳамкорӣ намояд: КДҲФ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмологии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии обуҳавосанҷӣ, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо намояндагони сохторҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла институтҳои молиявӣ, ба монанди Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё, Иттиҳоди Аврупо, ки дар самти арзёбӣ ва коҳиши таҳдиди хатари офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

## Ҷузъи 3. Идоракунии хатари офатҳо ва ноил шудан ба рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаи ворид намудани коҳиши хатари офатҳо ба раванди рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ду натиҷаи муҳим оварда расонад:

- кам шудани хароҷоти ҷорӣ барои лоиҳа ва барномаҳои рушд аз ҳисоби паст кардан ё пешгирӣ намудани зарари оянда аз офатҳо;

- аз ҷиҳати иқтисодӣ истифодаи самараноки маблағгузории маҳдуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар аксари давлатҳо, дар бораи хатари офатҳо ва механизми коҳиши он дар доираи ҳуҷҷатҳои сохтмонӣ маълумоти ниҳоят кам мавҷуд аст. Баъзе талабот ва меъёрҳои сохтмонӣ лоиҳакашии иншоотҳои ба зилзила тобоварро дар бар мегиранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои чун маҳалҳои зери таҳдиди обхезӣ, ки зери таҳдиди ярч ё ин ки таҳдидҳои дигар қарор доранд, сохтмон бурда мешавад. Сохтмони роҳҳои нав мувофиқи меъёр ва талаботи муқарраршуда, ки ба коҳиши хатари аёни офатҳо мусоидат менамоянд, амалӣ мегардад, масалан, дар шохроҳи нави Душанбе-Айнӣ долонҳои зиддитармавӣ сохта шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои дигар зери таҳдиди таъсири сел ва ярчу лойқа қарор доранд. Раванди арзёбии хатарҳо, ки дар ҷузъи 2 муҳокима гардид, метавонад дар муайян намудани маҳалҳое, ки дар онҳо бояд чораҳои коҳиши хатари офатҳо андешида шаванд, саҳми муҳим гузорад.

Татбиқи раванди арзёбии хатарҳо, ки дар Ҷузъи 2 муҳокима гардид, барои фаро гирифтани аксари маҳалҳо ва табақаҳои зиёди осебпазири аҳолӣ (масалан, кӯдакон, кӯҳансолон, беморон), ки дучори хатар мебошанд, мусоидат менамояд. Барои ин зарур аст, ки чорабиниҳо оид ба коҳиши хатари офатҳо ба барномаҳои маҳаллии рушд ворид карда шаванд, ба монанди маълумот дар бораи арзёбии хатарҳо ба Нақшаи рушди шаҳри Панҷакент ҳамроҳ карда шудааст.

Чораҳои коҳиши хатарро ба лоиҳаву ҳуҷҷатҳои сохтмонӣ дохил намудан осон аст. Ворид намудани чораҳои коҳиши хатарҳои табиӣ ва техногенӣ ба лоиҳаҳои ба сохтмон тааллуқ надошта, масъалаи душвор мебошад. Масалан, пахта барои Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи муҳими даромад мебошад. Истеҳсоли пахта метавонад аз хушксолӣ зарар бинад. Сабук гардонидани таҳдиди хатари хушксолӣ барои пахта ва зироатҳои дигар аз доираи идораи шабакаҳои ирригатсионӣ берун мебарояд ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва молиявиро, ки саҳми онҳо дар таҳдиди хатари камҳосилӣ, коҳиши оқибатҳои он ва устуворӣ зиёд аст, талаб менамояд.

Чунин тарзи васеътар дида баромадани оқибатҳои офатҳо ва идоракунии хатари офатҳо бояд дар маҷмӯъ дар раванди муайянсозӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои рушди ҷамъият ва давлат ҷорӣ карда шаванд. Илова бар он, кӯшишҳои идоракунии хатар набояд мушкилоти дигар эҷод созанд, ё ин ки мушкилоти дигари мавҷударо афзун намоянд, зарур аст, ки барои паст кардани хавфи умумӣ ҳамаи чораҳо андешида шуда, дар ҷамъият имконоти мутобиққкунонии идоракунии чунин офатҳои такроршаванда ба мисли обхезӣ, тағйирёбии дарозмуддати иқлим ва шароитҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварда шаванд.

Ҳоло, беҳтарин дастовард он аст, ки ҳамаи лоиҳаҳои таҷрибавӣ шомили арзёбии хатари офатҳои табиӣ, инчунин механизми рафъи онҳо мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин метавонад аз як қатор усулҳои нави идоракунии хатарҳо, аз ҷумла механизмҳои молиявӣ истифода барад. Суғурта воситаи молиявии асосӣ барои идоракунии хатарҳо маҳсуб меёбад, аммо муддате қабл механизмҳои дигари бартараф намудани хавфҳо низ таҳия гардидаанд. Механизмҳои рафъи хатари офатҳо, ки бо баровардани облигатсияҳо барои ҳолатҳои сар задани фалокатҳо ва суғуртаи вобаста ба зарари аз тағйирёбии обу ҳаво расида, махсусан қобили таваҷҷӯҳи хос мебошанд. Ин механизмҳо метавонанд барои хатарҳои маъмуле, ки дар натиҷаи шароитҳои иқлимӣ (масалан, таъсири хушксолӣ ба зироатҳои кишоварзӣ) ба амал омадаанд, инчунин барои хатарҳои дарозмуддат мисли заминларза, мавриди истифода қарор гиранд. Даромад аз облигатсияҳо метавонад барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба коҳиши хатари офатҳо истифода шавад.

Ворид намудани чорабиниҳо оид ба коҳиши хатари офатҳо ба барномаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи барқарорсозӣ ва эҳё заруранд. Ин амал дар масъалаҳои манзилӣ, обтаъминкунӣ, канализатсия, барқарорсозии иншооти ёрирасон ва васоити рӯзгузаронӣ

басо муҳим аст. Дар бисёр ҳолатҳо кӯшишҳои ба коҳиши хатарҳо ҷиҳати баркарорсозӣ равонашуда, метавонанд то давраи сарзании офатҳо ба нақша гирифта шаванд, ки ин ба суръат бахшидан ба барқарорсозӣ ва дар оянда кам шудани таҳдиди хатари рӯйдоди офатҳо оварда мерасонад.

Ниҳоят, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани таҳқиқ ва муайянкунии он, ки чӣ гуна чораҳои коҳиши хатар ба барномаҳои рушд ва барқарорсозӣ ворид карда мешаванд, иқтидори институтсионалӣ маҳдуд аст. Сарфи назар аз мавҷудияти институтҳои дахлдор, захираҳои техникӣ ва таҷхизоти мавҷудаи онҳо имкон намедиҳанд, ки барои идоракунии сиёсӣ ва техникӣ бо мақсади муайян намудани беҳтарин ва аз нигоҳи иқтисодӣ самараноктарин усулҳои коҳиши хатарҳо, тадқиқоти амалӣ гузаронида шаванд. Ин нуқсонро тавассути ташкили институти байнисоҳавӣ оид ба муайян намудани эҳтиёҷот барои гузаронидани тадқиқот, инчунин муайян намудани манбаъҳои маблағгузории ин тадқиқот ва захираҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он мавҷудбуда, бартараф намудан мумкин аст.

Ҳангоми ҳамроҳкунии идоракунии хатари офатҳо ба раванди рушд бояд тағйироти минбаъда дар қаринаи объектҳои рушд, аз ҷумла таъсири иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд.

## Ҷузъи 4: Омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо

То давраи ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи дуру дарози ташкил ва амалигардонии низоми омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳоро гузашта, нақшаҳои аз ҷониби ҳар як мақоми идории давлатӣ таҳияшуда ва иқтидори вокуниши мақомоти давлатӣ ва умуман ҷамъиятиро доро буд. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми давлатии мақомоти ваколатдори масъули таъмини омодагӣ ва вокуниш ба онҳо вуҷуд дорад, аммо ин низом минбаъд ба такмил ниёз дорад.

Тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият ба амал омаданд, фароҳам овардани шароити нав ҷиҳати таъмини омодагӣ ба офатҳо ва банақшагириро талаб менамояд. Аз ин рӯ, таъмини омодагӣ ба офатҳо ва банақшагирӣ бояд:

- бештар ғайримарказӣ буда, ба тақсими дақиқи фаъолият барои омодагӣ ва вокуниши тамоми табақаҳои ҷамъият асос ёфта бошанд; ва
- тарзҳои самаранок ва таъсирбахшро барои расидан ба ҳадафҳо ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш муайян намоянд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи нақшаҳои ташкилотҳои соҳавӣ ва мушаххас оид ба вокуниш ба хатарҳо мавҷуд аст. Вале, вуҷуд надоштани барномаи ягонаи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллии омодагии ҳамаҷониба ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо маънои мавҷуд набудани ҳамоҳангии амалиёти байни ин ташкилотҳо ва имкони

номувофиқатии нақшаҳои инфиродӣ бо стандартҳои мавҷудаи вокуниши самаранок ва омодагӣ ба офатҳоро дорад.

Раванди такмилдодашудаи банақшагирии чорабиниҳо оид ба вокуниш ба офатҳо ба сабуктар гардидани оқибатҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ба ин нигоҳ накарда, дар як қатор бахшҳо зарурати беҳтар намудани иқтидори вокуниш вуҷуд дорад. Омодагӣ ва вокуниш ба офатҳо дар сатҳи ҷомеаҳо бояд муттасил бошад, вале онҳоро ба раванди банақшагирии умумии чорабиниҳо оид ба пешгирии офатҳо дохил кардан зарур аст.

Иқтидори мушаххаси субъектони давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба вокуниш ба офтаҳо дар ҳамаи самтҳо ба такмилдиҳӣ ниёз дорад. Масалан, дар КҲФ МГ барои иҷрои корҳои техникӣ ва ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ баъди офат гурӯҳи махсус вуҷуд дорад, вале он барои вокуниши босамар ҳангоми фалокатҳои калон ниҳоят камшумор аст. Фаъолияти тайёр намудани мутахассисони наҷотдиҳандаи навро бояд тақвият дод. Чорабиниҳои тавсеаи имкониятҳою малакаҳои воқеӣ ҳангоми расонидани ёрӣ ба аҳолии аз офатҳо зарардида ва дар ҳолати зарурат расонидани ёрии аввалия, бояд барои тамоми бахшҳо ва сатҳҳои идоракунӣ таҳия гарданд.

Ҳамоҳангсозии амалиёти фаврии расмии вокуниш ба офатҳо дар айни замон бе истифода аз таҷрибаи мавҷуда анҷом дода шуда, идораи роҳбарии амалиёт аз марказ, ки ба фаврият ва самаранокии иҷрои вазифаҳои гузошташуда мусоидат менамояд, вуҷуд надорад. Таҷрибаи мавҷудаи таъсис додани комиссия оид ба ҳар як ҳодисаи офат бо роҳбарии мақоми олӣ ҷиҳати ташкил намудани вокуниш ба фалокатҳо мантиқан дуруст аст, вале:

- барои босамар бартараф кардани оқибати офатҳо ҳамоҳангсозии зарурӣ танҳо қисман амалӣ мешавад;

- барои вокуниши фаврӣ ва самаранок ва расонидани кӯмаки моддию техникӣ мусоидат намекунад.

Дар натиҷа, фаъолияти марбут ба вокуниш ба офатҳо ва барқарорсозӣ ба қадри зарурӣ самаранок намегардад.

Аз мулоҳизаҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин иттиҳодияи марказҳои ҳамоҳангсозӣ оид ба назорат ва ҳамоҳангсозии вокуниш ба офатҳои ба мамлакат таҳдидкунанда низ вуҷуд надорад. КҲФ МГ дорои ваколатҳои на он қадар зиёди ҳамоҳангсозӣ мебошад.Дар сатҳи минтақавию ноҳиявӣ КҲФ МГ механизмҳои шабеҳи мутобиқсозиро доро мебошанд. Бо вуҷуди ин, мақоми мушаххасе, ки пешгирии ҳамаҷониба, банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳоро оид ба вокуниш ба офатҳо амалӣ намояд, вуҷуд надорад. Мавҷуд набудани ин гуна воҳидҳои марказии ҳамоҳангсоз ва иқтидор дар муқоиса бо аксарияти мамлакатҳои дигар, ки дорои сатҳи мушобеҳи хатари офатҳо ҳастанд, ҷолиби диққат мебошад.

Ба ғайр аз талабот ба механизмҳои марказонидашудаи ҳамоҳангсозӣ, ҳамчунин талабот ба баланд бардоштани иқтидор дар

соҳаи огоҳкунии офатҳо вуҷуд дорад. Дар мамлакат низомҳои алоҳидаи огоҳкунӣ вуҷуд доранд, вале низоми ягонаи огоҳкунӣ аз офатҳо, ки тавонад маълумотро саривақт ба онҳое, ки бо вокуниш ба офатҳо машғуланд, расонад, вуҷуд надорад. Бояд қайд намуд, ки ба туфайли кӯшишҳо, дар ноҳияҳои алоҳида ҷиҳати таъмини омодагӣ ва вокуниш дар сатҳи ҷомеаҳо, низомҳои маҳаллии огоҳкунӣ такмил дода шуда буданд.

Яке аз мушкилоти такмилдиҳии низоми огоҳкунӣ, мавҷуд будани иқтидори техникии маҳдуд мебошад, ки ҳоло дар шакли гурӯҳи начандон калони коршиносон амал мекунад. Ҷамъ овардани маълумот барои пешгирӣ ва арзёбии хатар низ омили маҳдудкунанда мебошад, зеро иқтидори таҳлилӣ дар илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ ҳам ба такмилдиҳӣ эҳтиёҷ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати рӯй додани офатҳои зиёд, ки имкон дорад мамлакатро фаро гиранд, метавонанд ба кӯмаки беруна умед дошта бошад. Дастаи ҳамоҳангсозии фаврии кӯмак дар ҳолати фавқулодда аллакай ба сифати ташкилоти ҳамоҳангсоз байни КҲФ МГ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба расонидани кӯмаки беруна амал мекунад. Дастаи ҳамоҳангсозии фаврии кӯмак дар ҳолати фавқулодда алҳол на танҳо кӯмак мерасонад, балки вазифаҳои таъмини омодагӣ ба офатҳо, банақшагирӣ ва коҳиши хатари офатҳоро низ иҷро менамояд.

Робитаҳо бо Дастаи ҳамоҳангсозии фаврии кӯмак дар ҳолати фавқулодда ҳамчун алоқа барои мусоидати берунаи (хориҷии) марбут бо офатҳо, инчунин кӯмаки худи Ҳукумат, кӯшишҳо ҷиҳати таъмини омодагӣ ба офатҳо ва коҳиши хатар бо мақсади таъмини самараноки кӯмаки беруна дар вокуниш ба офатҳои табиии мушаххас ва коҳиши сатҳи умумии хатари офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият металабанд.

Илова бар ин, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби ҳаҷми калони кӯмаки моддию техникии хориҷӣ ҳангоми фалокатҳои калон, алалхусус, заминларзаи шадид, нақшаҳо таҳия намояд.

## Ҷузъи 5: Идораи донишҳо: маълумот, омӯзиш ва огоҳонидани ҷомеа

Огоҳонидани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи имконот ва усулҳои коҳиши хатари офатҳо, барои сабук гардонидани оқибати онҳо ғайрикофӣ мебошад. Донишҳо дар бораи хатари офатҳо дар сатҳи институтсионалӣ ва ҷамъиятӣ барои истифодаи оқилонаи захираҳо ҷиҳати пешгирии оқибатҳо ё рӯй надодани онҳо заруранд. Масъулияти мубориза бо офатҳо бар дӯши ҳар як фард мебошад, ки бояд барои коҳиши хатари офатҳо дар сатҳи инфиродӣ ва оилавӣ, дониши муайян ва қобилияти андешидани чораҳои оқилона дошта бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани донишҳо оид ба чораҳои коҳиш ва идоракунии хатари офатҳо, кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Ин кӯшишҳо барномаҳои ҷомеавиро оид ба баланд бардоштани огоҳонидани аҳолӣ, барномаҳои таълимии мактабҳо ва инчунин маъракаҳои маърифатии ҷомеаро дар бар мегиранд. Донишҳо дар бораи мубориза бо офатҳо ба нақшаҳои таълимии тайёр намудани хизматчиёни давлатӣ ва низоми маориф дохил карда шудаанд. Ғайр аз он, иттилоот дар бораи офатҳо ва идоракунии онҳо дар асоси кӯшишҳои мушаххас оид ба ташкили иқтидори касбӣ барои пешгӯии офатҳо ва пешгирии онҳо таҳия шудаанд.

Соҳаҳое, ки дар онҳо зарурати такмили минбаъдаи асосҳои донишҳо барои идоракунии хатари офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шудаанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- тавсеаи маълумот дар соҳаи огоҳонии пешакӣ ва вокуниши аввалия ба офатҳо, дар ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахшҳои хусусӣ ҷиҳати фаро гирифтани ҳамаи табақаҳои ҷамъият, пеш аз ҳама, ба хатарҳои муҳимтар;
- таҳкими иқтидори ҷомеаҳо бо мақсади ривоҷи малакаҳои сабук гардонидани оқибатҳо ва рафъи офатҳо, бо дарназардошти фарқиятҳои ҷинсӣ, синну сол ва иҷтимоӣ;
- тавсеаи иттилооти такмилёфта ва дастрас барои фаҳмиши иттилоот дар бораи таҳдиди хатари офатҳо ва роҳҳои ҳифз, махсусан барои аҳолии минтақаҳои дорои таҳдиди хатари дараҷааш баланд;
- дохил намудани таълими идоракунии хатари офатҳо ба барномаҳои ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, аз синфи ибтидоӣ то аспирантура;
- тавсеаи барномаҳои таълимии коҳиши хатари офатҳо барои фарогирии бахшҳои мушаххас (масалан, наҷотдиҳандагон, шахсони бо банақшагирии рушд машғулбуда, роҳбарони мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мутахассисони техникӣ ва ғайра);
- таъмини тайёрии техникии махсус ва сертификатсиякунонии (шаҳодатномадиҳии) ихтиёриёни дар мубориза бо идоракунии хатари офатҳо ширкаткунанда;
- таҳия ва барои истифодаи умумӣ тавсеа намудани методологияҳо, тамсилаҳо ва усулҳои арзёбии осебпазирӣ, хатарнокӣ ва таҳдиди хатарҳо аз сатҳи ҷомеавӣ то сатҳи миллӣ бо дарназардошти қаринаи омилҳои зиёди хатар;
- таҳия ва истифодаи таҳлили иҷтимоию иқтисодии хароҷот ва фоида, ки ба арзёбии хатар асосёфта;
- таъсиси сохтори доимӣ барои гуфтугӯ ва фаъолияти якҷоя байни ҷамъиятҳои илмӣ, шарикони давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки бо масъалаҳои идоракунии хатари офатҳо машғуланд, ҳамчунин ба мақсади беҳтар намудани донишҳо оид ба идоракунии хатарҳо ва истифодаи амалии онҳо;

- мустаҳкам намудани робитаҳо ва ҳамкорӣ байни коршиносон, роҳбарон ва онҳое, ки бо банақшагирӣ аз рӯи бахшҳо ва минтақаҳо машғуланд, бо максади беҳтар намудани идоракунии хатари офатҳо;

- тавсеаи минбаъдаи истифодаи технологияҳои пешқадами коҳиши хатари офатҳо, инчунин имкониятҳои мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо.

Имконоти институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани тадқиқот ва муайян намудани усулҳои вокуниши муассир дар бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва саъю кӯшиш барои барқарорсозӣ маҳдуд мебошанд. Ҳарчанд як қатор институтҳои дахлдор вуҷуд дошта бошанд ҳам, захираҳои техникӣ ва инсонии онҳо имкон намедиҳанд тадқиқоти амалие, ки ба ташкили қоидаҳо ва дастурамалҳои техникӣ оид ба истифодаи усулҳои каммасрафи коҳиши хатари офатҳо равона шудаанд, гузаронида шаванд. Ин мушкилиро метавон тавассути ташкили қобилияти институтсионалӣ ва муайянкунии эҳтиёҷоти илмию тадқиқотӣ, маблағгу-зорӣ ва захираҳои имконпазир чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷа ислоҳ намуд.

Стратегияи мазкур самтҳои зиёди ҳалли идоракунии хатари офатҳоро пешбинӣ менамояд. Ин самт кӯшишҳои паст ва сабук намудани таъсири офатҳоро ба ҷомеа ва фарди алоҳида тавассути андешидани чораҳо оид ба омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо, барқарорсозии босуръати устуворӣ ва коҳиши хатарҳоро ба чорабиниҳо ва барномаҳои рушди давлат ва ҷамъият муттаҳид менамояд. Идоракунии хатари офатҳо, ки консепсияи рушди устувор ва коҳиши таъсири офатҳоро дар бар мегирад, бояд дар оянда хатари офатҳоро баланд нагардонад ва дастрасиро ба захираҳои зарурӣ, ки ҳаёти комилан мувофикро барои наслҳои оянда таъмин менамояд, маҳдуд насозад.

## 3. Мақсад ва вазифаҳо

Мақсади асосии Стратегияи мазкур коҳиши зарари аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ бартарафшаванда, бо мақсади беҳтар намудани ҳаёт ва некӯаҳволӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақсади асосӣ бо роҳи ҳалли вазифаҳои дар панҷ ҷузъи таркибии Стратегияи мазкур пешбинишуда, амалӣ мегардад.

### Ҷузъи 1: Ваколатҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ

Мақсад: Ташкили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои идоракунии самарабахши хатари офатҳо

Вазифа: Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои идоракунии самарабахши хатари офатҳо.

Натиҷаҳои пешбинишаванда:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии хатари офатҳо такмил дода мешавад;

- Барномаи миллии омодагӣ ба офатҳо ва нақшаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда таҳия мегардад;

- нақшаҳои омодагӣ ба офатҳо ва нақшаҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда барои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода мегарданд;

- ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини омодагӣ ва вокуниш ба офатҳо такмил дода мешаванд;

- ваколатҳои (салоҳиятҳои) вазорату идораҳои дахлдори соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода мешаванд;

- чорабиниҳо дар сатҳи ҷомеавӣ муайян карда шуда, чун қисми асосӣ ҷиҳати паст кардани хатари офатҳо эътироф мегарданд.

## Ҷузъи 2: Арзёбии хатари офатҳо

Мақсад: Гузаронидани арзёбии хатари офатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазифа: Муайян кардани таҳдидҳо, осебпазирӣ ва хатари офатҳо барои тамоми маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои пешбинишаванда:

- тимсилаҳои хатари обхезӣ барои дарёҳои калон ба мақсади коҳиши обхезӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода мешаванд;

- нақшаҳои миқёси дахлдори хатари обхезиҳо таҳия мегарданд;

- ҳавзаҳои дарё ва ҷойҳое, ки бештар ба хатар дучор мешаванд, муайян карда мешаванд;

- нақшаҳои минтақаҳои дар сурати рахна шудани саддҳои обанборҳо, ки зери об мемонанд, таҳия карда мешаванд;

- ҷиҳати қабули қарори дахлдор оид ба коҳиши хатари офатҳо нақшаҳои миқёси дахлдори минтақаҳое, ки зери таҳдиди хушксолӣ, шамолҳои сахт ва бодлесшавии замин қарор доранд, таҳия карда мешаванд;

- иттилоот дар бораи минтақаҳои хатари заминларза барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор дастрас мегардад;

- нақшаҳои минтақаҳои дорои хатари ярчҳо, селҳо ва тармаҳои миқёси дахлдор дастрас мегарданд;

- атласи хатари офатҳо таҳия карда мешавад, ки ҳамчун роҳнамо барои қабули қарор хизмат мекунад;

- махзани маълумот оид ба садамаҳои калони нақлиётӣ ва саноатӣ ташкил карда шуда, мунтазам таҷдид меёбад;

- низоми арзёбии хатарҳо барои ноҳияҳое, ки осебпазирии онҳо баланд мебошад, ташкил карда мешавад;

- ҷиҳати ҷалби кӯмаки моддию техникии хориҷӣ ҳангоми фалокатҳои калон, алалхусус, заминларзаи шадид, нақшаҳо таҳия карда мешаванд.

## Ҷузъи 3: Идоракунии хатари офатҳо ва рушд

Мақсад: Чораҳои коҳиши хатари офатҳо ба раванди рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

Вазифа: Таҳияи механизмҳо барои муайян сохтан ва дохил намудани масъалаҳо оид ба сабук гардонидан ва идоракунии хатари офатҳо ба сиёсат, барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои пешбинишаванда:

- чораҳои идоракунии хатари офатҳо ба барномаҳои барқарорсозӣ ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад;
- таъсири эҳтимолии хатари офатҳо дар доираи лоиҳаҳо оид ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, ҳал карда мешавад;
- масъалаҳои идоракунии хатари офатҳо ба раванди таҳияи сиёсати миллӣ ва раванди қабули қарорҳо оид ба истифодабарии замин ва банақшагирии он ворид карда мешаванд;
- барои паст кардани хатари офатҳо усулҳои бехатари сохтмонӣ истифода бурда мешаванд;
- оқибатҳои хатари офатҳо тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои молиявӣ  кам карда мешаванд;
- нақшаҳои паст кардани таъсири хатари офатҳо, ки мунтазам нав карда шуда, дар ҳамаи сатҳҳо татбиқ мегарданд, таҳия карда мешаванд;
- заминаи илмӣ барои идораи таҳдиди хатари офатҳо ташкил дода мешавад.

## Ҷузъи 4: Омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо

Мақсад: Кам кардани талафоти инсонӣ ва моддии вобаста ба офатҳо.

Вазифа: Баланд бардоштани иқтидори омодагӣ ва вокуниш ба офатҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ ва дар сатҳи хонаводаҳо (аз ҷумла, инкишофи низоми огоҳкунии пешакӣ), инчунин баланд бардоштани иқтидори коҳиши хатари офатҳо.

Натиҷаҳои пешбинишаванда:

- нақшаи ягонаи омодагӣ ва вокуниш дар ҳолати офатҳо дохил карда мешавад;
- иқтидори омодагӣ ва вокуниш дар ҳолати офатҳо баланд бардошта мешавад;
- мусоидати байналмилалӣ ба омодагӣ ва вокуниши фаврӣ ба офатҳо таъмин карда мешавад;
- вокуниши саривақтӣ ва ҳамоҳангсозии иқтидори идоракунии офатҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таъмин карда мешавад;
- огоҳкунии фаврии хадамоти вокуниши фаврӣ ва аҳли ҷомеа аз офатҳои эҳтимолӣ таъмин карда мешавад.

## Ҷузъи 5: Идоракунии донишҳо: маълумот, таълим ва огоҳонидани ҷомеа.

Мақсад: Сабук  намудани оқибати офатҳо тавассути беҳтар намудани мубодилаи донишҳо ва маълумотнокӣ.

Вазифа: Ташкили инфрасохтори миллӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳкунӣ дар бораи имконият ва усулҳои коҳиши хатари офатҳо тавассути табодули иттилоот, маълумотнокӣ ва таълим.

Натиҷаҳои пешбинишаванда:

- Барномаи миллӣ оид ба огоҳонидани ҷомеа барои ташкили фарҳанги бехатар дар ҳолати сар задании офатҳои табиӣ дар асоси огоҳ кардан ва кам намудани таҳдидҳои зиёд татбиқ мегардад;
- огоҳкунии хонандагони мактабҳо оид ба коҳиши хатари офатҳо амалӣ карда мешавад;
- сатҳи огоҳии донишҷӯён-хатмкунандагон доир ба масъалаҳои идоракунии хатари офатҳо баланд карда мешавад;
- сатҳи огоҳӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи офатҳо дар байни хизматчиёни давлатӣ баланд мегардад;
- қобилияти омӯзгорони донишгоҳҳо дар бобати донишҳо, технология ва малакаҳои вобаста ба дарсҳо оид ба идоракунии хатари офатҳо беҳтар мешавад.

## 4. Маблағгузории Стратегия

Маблағгузории Стратегияи мазкур аз ҳисоби грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва маблағҳои буҷетӣ, ки ҳар сол ба вазорату идораҳои дахлдор ҷудо карда мешавад, амалӣ мегардад.

Маблағгузорӣ барои татбиқи «Барномаи рушди соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2014», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 № 527 тасдиқ шудааст – 43 млн. 560 ҳазор сомонӣ ва сармояи байналмилалӣ – 10 млн. доллари ИМА пешбинӣ шудааст.

Ба ғайр аз ин, маблағҳои вазорату идораҳо, ки мунтазам аз иттилооти оперативӣ ва махсус истифода мебаранд, инчунин маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорӣ дар ҳаҷми 25,6 млн. доллари ИМА, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҷалб карда мешаванд.

## Нақшаи амалиёт оид ба татбиқи Стратегия

Нақшаи амалиёти мазкур оид ба татбиқи Стратегия барои иҷрои панҷ ҷузъи зайл равона шудааст:

<table>
<tr><td colspan="6">Ҷузъи 1. Ваколатҳои институтсионалӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ<br><br><u>Мақсад</u>: Ташкили базаи меъёрии ҳуқуқӣ барои идоракунии самараноки хатари офатҳо<br><u>Вазифа</u>: Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалие, ки идоракунии самараноки хатари офатҳоро таъмин мекунад</td></tr>
<tr><td>Натиҷаҳои ниҳоӣ</td><td>Ҷамъбасти фаъолият</td><td>Чорабиниҳо ҷиҳати татбиқ</td><td>Мӯҳлат (солҳо)</td><td>Манбаъ ва ҳаҷми маблағгузорӣ (бо сомонӣ, МТБД бо доллари ИМА)</td><td>Иҷрокунандагон</td></tr>
<tr><td colspan="6">1. Сиёсати миллӣ ва қонунгузорӣ оид ба идораи хавфи офатҳо</td></tr>
<tr><td>Мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ сиёсати ягонаи миллӣ оид ба КХО таҳия ва тасдиқ шудааст<br><br>Барои татбиқи Стратегия асоси қонунгузорӣ таҳия шудааст</td><td>1.Тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар соҳаи офатҳо қабул ва мавриди истифода қарор дода шудаанд<br><br>2. Нақшаи миллии омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо таҳия шудааст<br><br>3.Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳо таъсис дода шудааст</td><td>Таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи офатҳо;<br>▪ Муайян ва бартараф намудани номувофи-қатӣ, камбудиҳо ва такроршавии муқар-рароти дар қонунгузории таҳлилшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи офатҳо<br>• Муайян кардани сохтор ва фаъолияти низоми давлатии ягонаи пешгирӣ ва рафъи оқибати офатҳо<br>• Тайёр намудани нақшаи омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба онҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ<br>▪ Ташкили Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳо*</td><td>2010-2011<br><br><br><br>2010<br><br><br>2010<br><br>2010</td><td>МТБД – 1741, 5 доллар<br><br>МТБД – 8836,5 доллар<br><br>МТБД–128819,4 доллар<br><br><br>МТБД–100774,8 доллар<br><br>МТБД – 19466,1 доллар</td><td>КҲФ МГ<br><br><br><br>КҲФ МГ<br><br><br>КҲФ МГ, ТБ<br><br>КҲФ МГ, ТБ</td></tr>
<tr><td colspan="6">2. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td>Нуқсонҳои дар ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавҷудбуда ислоҳ карда шуданд ва</td><td>Нуқсонҳо ислоҳ карда шуданд ва ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи омодагӣ ба</td><td>Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи офатҳои табиӣ ҷиҳати ошкор намудани камбудиҳо дар ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти</td><td>2010-2011</td><td>МТБД – 2322,0 доллар</td><td>КҲФ МГ тахти роҳбарии КДҲФ</td></tr>
</table>

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
